*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди*
*Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон*
*(734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо*
*Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru)*

**ТАҚРИЗ**

***ба афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.***

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи стратегӣ интихоб намудааст, ташаккул ва такмили системаи самараноки идоракунии рушди инноватсионии саноат зарурати объективӣ мебошад. Дар шароити рақобати афзояндаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ, маҳз инноватсия ҳамчун омили муайянкунандаи афзоиши истеҳсолот, беҳтар шудани сохтори саноат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо бармадад мекунад. Рушди инноватсионии соҳаи саноат имконият фароҳам меорад, ки иқтидори истеҳсолии кишвар таҷдид гардида, технологияҳои муосир ҷорӣ шаванд ва вобастагӣ аз омилҳои беруна коҳиш ёбад. Аз ин рӯ, идоракунии мақсадноки равандҳои инноватсионӣ ҳамчун заминаи асосии саноатикунонии босуръат ва таъмини устувории иқтисоди миллӣ аҳамияти хос дорад.

Дар ҷараёни тадқиқот унвонҷӯ доираи васеи осори илмии олимони иқтисодии ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш қарор додааст, ки онҳо ба масъалаҳои калидии рушди инноватсионӣ, саноатикунонии босуръат, идоракунии равандҳои инноватсионӣ, сиёсати саноатӣ, рақамисозии иқтисод ва таъмини амнияти иқтисодӣ бахшида шуда, заминаи назариявию методологии тадқиқоти пешниҳодшударо фароҳам овардаанд.

Бо арзёбии таҳқиқотҳо бар меояд, ки рушди инноватсионии соҳаи саноат на танҳо шарти муҳимми саноатикунонии босуръат, балки омили калидии таъмини амнияти иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Самаранокии ин раванд аз ташаккули системаи мукаммали идоракунии инноватсия, ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ ва иштироки фаъоли бахши хусусӣ вобаста буда, татбиқи он метавонад рушди устувори кишварро таъмин намояд.

Мавқеи махсусро дар автореферат татбиқи Консепсияи иқтисоди “сабз” дар низоми инноватсионии саноати миллӣ ва нақшаи амал доир ба мутобиқгардонии низоми инноватсионии саноатӣ ба принсипҳои иқтисоди “сабз” ишғол менамояд (саҳ.57-60). Аз нуқтаи назари муаллиф, ҳамгироии ҳадафноки принсипҳои иқтисоди “сабз” ба сиёсати инноватсионии саноат имкон медиҳад, ки самаранокии истифодаи захираҳо баланд бардошта шуда, таъсири манфии фаъолияти саноатӣ ба муҳити зист коҳиш ёфта, заминаи рушди устувор ва рақобатпазирии дарозмуддати иқтисоди миллӣ фароҳам гардад.

Барои ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои тадқиқот ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалии асоснок дар диссертатсия маҷмӯи усулҳои муосири тадқиқоти иқтисодӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, илмӣ-мантиқӣ, таҳлили муқоисавӣ, оморӣ ва иқтисодӣ истифода гардидаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёд гардидани шумораи корхонаҳои саноатӣ, афзоиши мунтазами ҳаҷми маҳсулоти тамоми соҳаҳои саноатӣ низ таъмин гардида истодааст. Аммо нақши ҳамгироии инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии тавассути пешрафтҳои технологӣ, такмили сифати маҳсулот, беҳтар кардани хидматрасонӣ ва зиёд шудани рақобатпазирӣ афзуда истодааст. Ба андешаи муаллиф, маҳз ҳамгироии инноватсионӣ ҳамчун омили калидӣ метавонад самаранокии рушди саноатиро баланд бардошта, робитаи устувори байни илм, истеҳсолот ва бозорро таъмин намояд. Ин раванд имкон медиҳад, ки пешрафтҳои технологӣ ба татбиқи амалӣ ворид гардида, сифати маҳсулот беҳтар, хидматрасонӣ такмил ёфта ва дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ мунтазам афзоиш ёбад.

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки диссертатсия аз лиҳози муҳтаво ва натиҷаҳои илмӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пурра мутобиқат мекунад. Дар ин замина, натиҷаҳои таҳқиқот рушди назариявию методологии фаъолияти инноватсионӣ, таҳқиқи равандҳои ҳамгироии инноватсионӣ, ташаккул ва баҳодиҳии низомҳои миллии инноватсионӣ, коркарди механизмҳои ҳамгироии илм, самаранокии фаъолияти инноватсионӣ, инчунин такмили низомҳои институтсионалӣ, стратегияҳои рақамикунонӣ ва усулҳои идоракунии сармояи инсонӣ барои рушди инноватсионӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро фаро мегиранд.

Гарчанде автореферати диссертатсия дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, дар он баъзе масъалаҳои баҳсбарангез ва норасоиҳои алоҳида мушоҳида мегарданд:

1. Ба андешаи мо, дар автореферат сохтори экосистемаи рақамӣ такмилталаб буда, аз ҷониби муаллиф мутобиқ намудани он ба шароити саноати кишвар сифати корро боз ҳам беҳтар менамуд (саҳ. 54).
2. Агар муаллиф ҳамчун омили рушди иқтисодиёти сабз, шуғли “сабз” – ро дида мебаромад, сифати расми 17. Консепсия рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи саноат боз ҳам беҳтар мегардид.

Дар маҷмӯъ, мавзуи таҳқиқоти дар сатҳи зарурӣ иҷро гардида, камбудиҳо арзиши диссертатсияро паст намекунад. Бо дарназардошти ин, автореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи “Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия”, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Муртазозода Ораз сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи менеҷменти
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Аминов И.

Имзои д.и.и., профессор Аминов И. - ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН • ОУ «ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ» • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС • УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734064, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14
Телефон: +992 927709825 E-mail: i_minov@mail.ru